Лаҳзаи наздиктарини банда ба Парвардигораш дар ҳоли саҷда будан аст, пас дар ин лаҳза бисёр дуо кунед

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Лаҳзаи наздиктарини банда ба Парвардигораш дар ҳоли саҷда будан аст, пас дар ин лаҳза бисёр дуо кунед".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён намуданд, ки наздиктарин ҳолати банда ба Парвардигор дар ҳолати саҷда будан аст, зеро дар ин ҳолат намозгузор гиромитарин узви бадани худро аз рӯи фурӯтанӣ ва хоксорӣ ва тавозуъ дар баробари Аллоҳи Мутаъол, бар замин мегузорад. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дастур додаанд, ки банда то метавонад дар ҳоли саҷда бештар дуо кунад, ки он фурӯтанӣ назди Худованд дар қавл ва дар амалро ба ҳам меорад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5382